# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор.**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30-юми августи соли 2025, № 122**

Барои сазовор донистани Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор.

Диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор санаи 21 июли соли 2025, суратмаҷлиси № 116 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, № 349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна 19 сентябри соли 1981 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст.

Соли 1997 ба шуъбаи рӯзонаи факултети кибернетикаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, онро соли 2002 бо ихтисоси муносибатҳои иқтисодии байналҳалқӣ аз рӯйи касби иқтисодчӣ бо дониши забонҳои хориҷӣ ва соли 2006 шуъбаи ғоибонаи факултети кибернетикаи иқтисодии донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоркунӣ аз рӯйи касби муҳандис-иқтисодчӣ хатм намуд.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2002 дар вазифаи бозрас оид ба нафақаи нуқтаи ваколатдории бонки давлатии Амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳри Хуҷанд оғоз карда то соли 2008 дар вазифаҳои гуногун кор кардааст.

Аз соли 2008 то соли 2022 омӯзгори кафедраи ҳифзи ахбори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров кор кардааст. Аз соли 2022 то соли 2024 дар Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияиҳои Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар вазифаи сардори раёсати таълим фаолияти меҳнатӣ бурдааст. Аз соли 2024 то ҳоло дар вазифаи муаллими калони

кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаолияти меҳнатӣ дорад.

Аз соли 2020 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тахти №831 аз 29.10.2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул гардидааст.

Соҳиби 1 фарзанд.

Мавзуи диссертатсионии Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна таҳти унвони «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 30.09.2020, протоколи №2 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

- **Қодирзода Абдураҳмон –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқи МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

- **Эргашева Моҳира Абдуллоҷоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Холов Рустам Шермаҳмадович –** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи эксперт номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тураева М.Т. навишта шуда, дар ҷаласаи васеъи кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таҳти раисии мудири кафедра, дотсент Субҳонқулов И.А. санаи 11 августи соли 2025, суратмаҷлиси № 11/1 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., профессор Назарзода Х.Х. аз 12-уми августи соли 2025 тасдиқ шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01

– Омор кори илмии мукаммал ва бaанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби мукарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқикотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна дар мавзуи «Таҳлили иқтисодӣ-омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор мебошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот довталаб 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия**

1. Абдуллоева Г.А. Арзёбии омории динамикаи сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ / Г.А. Абдуллоева // Номаи донишгоҳ: силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, 2023. – № 3 (66). – С.79-88. (ISSN 2077-4974).

2. Абдуллоева Г.А. Омӯзиши асосҳои назариявии сохтмони манзил ва аҳаммияти он дар беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ / А.Л. Қодиров, Д.Н. Дадоматов, Г.А. Абдуллоева // Номаи донишгоҳ: силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акаде¬мик Б.Ғафуров, Хуҷанд, 2023. – №3 (66). – С. 137-144. (ISSN 2077-4974).

3. Абдуллоева, Г.А Тадқиқоти омории бозори манзил. / Г.А. Абдул¬лоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2024. – №1. – С. 190-195. (ISSN 2413-5151).

4. Абдуллоева Г.А Усулҳои арзёбӣ дар шароити ташаккули бозори манзил/ Г.А. Абдуллоева // Номаи донишгоҳ: силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, 2024. – №1 (66). – С.180-184. (ISSN 2077-4974).

5. Абдуллаева Г.А. Роль цифровизации в прогнозирование стоимости жилья в Республики Таджикистан / Г.А. Абдуллоева // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии, Москва, 2024. – №12 – С. 83-85. (ISSN 2412-883X).

**Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

1. Абдуллоева Г.А. Таҳлили омории рушди сохтмони манзил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.А. Абдуллоева // Маводи конференсияи дуввуми илмӣ-амалӣ доир ба мавзуи "Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ" 31-уми майи соли 2021. – С. 211-215.

2. Абдуллоева Г.А. К вопросу об инновационных аспектах моделирования реализации региональных инвестиционных проектов / Г.А. Абдуллоева, Х.Ш. Пулотова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол». Хуҷанд, 12 ноябри соли 2022. – С. 57-64.

3. Абдуллоева Г.А. Самаранокии системаи иқтисодии амнияти иттилоотӣ / Г.А. Абдуллоева // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодии рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 18 ноябри соли 2022. – С. 310-313.

4. Абдуллоева Г.А. Нақш ва мақоми соҳаи сохтмон дар инкишофи равандҳои сармоягузориҳои иқтисодиёти миллӣ / Г.А. Абдуллоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ «Саҳми олимони фанҳои дақиқ дар рушди саноаткунонии кишвар». - Хуҷанд, 18 октябри соли 2023. – С. 461-470.

5. Абдуллоева Г.А. Таҳияи модели иқтисодӣ-омории рушди сармоягузорӣ ба сохтмони манзил / Г.А. Абдуллоева // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди илмҳои дақиқ дар даврони истиқлол». – Хуҷанд: ДИДТТ дар ш.Хуҷанд, 03 апрели соли 2024. – С. 3-6.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Раҳимов Абдулатиф Маҷидович** - д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эрод:

- Дар диссертатсия ба таҳлили иқтисодӣ-омории сохтмони манзил таваҷҷуҳи хоса дода шудааст, аммо монеаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, ки ба рушди ин соҳа таъсир мерасонанд, ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд.

- Муфид мебуд, агар муаллиф таҳлили муқоисавии сохтмони манзил дар Тоҷикистон ва кишварҳои дорои шароити шабеҳи иҷтимоию иқтисодиро анҷом медод.

- Дар қисмати пешгӯии фаъолияти сармоягузорӣ мақсаднок мебуд, ки таҳлили сенарияҳо бо дарназардошти хатари макроиқтисодӣ анҷом дода шавад.

**2. Набиев Инъомҷом Илҳомович –** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо номи Ш. Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- Мисолҳои мушаххас барои тасдиқи амалӣ будани тавсияҳо дар шароити воқеии иқтисоди Тоҷикистон на ҳамеша оварда шудаанд, ки имконияти татбиқи онҳоро дар амал маҳдуд месозад.

- Арзёбии имкониятҳои рақамисозии бахши сохтмони манзил, ки яке аз равандҳои калидии муосири ислоҳоти инфрасохторист, камтар инъикос ёфтааст ва метавонад он дар таҳқиқоти минбаъда амиқтар баррасӣ шавад.

**3. Вазирзода Дилором Раҷамат –** н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо чунин эродҳо:

- Дар саҳифаи 4-уми автореферат, ҷумлаи зерини сархати дуюм таҳрирталаб аст. Азҷумла чунин омадааст: «Вале, мутассифона, таҳлили иқтисодӣ ва омории сохтмони манзили истиқоматӣ дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, танҳо ба истисноии Д.Н. Дадоматов, З.М. Каримова, А.Л. Қодиров, Р.Р. Раҳимов, С.Ш. Саидов, П.С. Хуҷаев, Ғ. Раҳматҷонов, Х.Д. Саидхоҷаев ва дигарон саҳми калон гузоштанд». Калимаҳои «мутаасифона» ва «истисно» бемавқеъ истифода шудааст.

- Дар сархати сеюми ҳамин саҳифа ба ҷои «Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-оморӣ, сохта ба истифода додани манзили истиқоматӣ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳида дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашуда, таъсири омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар соҳаи сохтмони манзили истиқоматӣ ба таври бояду шояд таҳлилу баррасӣ гардидаанд.» бояд ҷумла чунин мураттаб карда шавад: «Қайд намудан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохта ба истифода додани манзили истиқоматӣ дар кишвар ва минтақаҳои алоҳида дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашуда, таъсири омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар соҳаи сохтмони манзили истиқоматӣ ба таври бояду шояд таҳлилу баррасӣ нагардидаанд».

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назария, методология, методика ва ташкили арзёбии оморӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти

баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** модели иқтисодӣ-омории сохта ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ вобастагӣ аз вазъи сармоягузории давлатӣ, хориҷӣ ва сармояи аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳида ва хусусиятҳои хоси онҳо коркард карда шуда, дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои асосии сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ва омилҳои асосии ба он таъсиррасон таҳия шудааст;

- вобаста ба болоравии аҳаммияти коркарди стратегияи рушд дар кишвар диққат ба методологияи пешгӯиии стратегӣ ва банақшагирӣ меафзояд ва дар ин замина пешгӯйии стратегӣ ба таври аён дар консепсияи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ **пешниҳод шудааст**;

- новобаста ба он ки таҳияи моделҳои бисёромилаи иқтисодӣ-омории нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ ба манзили истиқоматӣ як раванди мураккаб мебошад, бо истифодаи усулҳои мувофиқ, шарҳу тавзеҳи пешгӯиҳои муътамад дар бораи самаранокии сармоягузорӣ дар ин соҳа **исбот гардид**;

- дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявии рушди сохтмони манзили истиқоматӣ ва таҳқиқи таъсири сохмони манзили истиқоматӣ ба беҳдошти сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ таҳлили омории алоқамандии рушди сохтмони манзил бо равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ***асоснок карда шудааст***;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки воситаю усулҳои оморӣ барои муайян кардани вобастагӣ, таҳлили тағйироти сохторӣ, кам кардани андозагирӣ ва гурӯҳбандӣ, барои муаррифии визуалии маълумотҳо бо истифода аз усулҳои ҷадвалӣ ва графикӣ, инчунин барои пешгӯии силсилаи вақт истифода мешаванд;

- ***усулҳои муосири*** оморӣ аз қабили усули гурӯҳбандӣ, усулҳои графикӣ, усулҳои таҳлили вариатсионию дисперсионӣ, усулҳои мушоҳида ва муқоисавии оморӣ, нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ, усулҳои таҳлили коррелятсионию регрессионӣ, усулҳои индексӣ, ояндабинӣ ва дигар усулҳои оморию иқтисодӣ ҳангоми таҳқиқи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ истифода шудааст;

- дараҷаи тафовути нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ дар кишвар ва дар минтақаҳои алоҳида таҳқиқ гардида, он ҳамчун қисми муҳим соҳаи сохтмон буда, ***баёнгари*** шароити иҷтимоию иқтисодии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ҳам дар миқёси хусусӣ ва ҳам дар миқёси давлатӣ мебошад;

- ***ошкор карда шудааст,*** , ки афзоиши табиии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо давлатҳои пешрафтаи аврупоӣ хеле баланд аст. Дар ин робита, афзоиши бемайлони аҳолӣ якчанд муаммоҳоро ба миён меорад, ки таъмини аҳолӣ бо манзили зист ва таъмини зиндагии шоистаи онҳо дар мадди аввал меистанд. Аз ин лиҳоз ташаккул, рушд ва инкишофи соҳаи сохтмон, махсусан, сохтмони манзил дар кишвар ҳамчун унсури мустақили иқтисоду саноат вусъати навро касб кардааст;

- ***омӯзиши*** омилҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки сатҳи даромади аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои калидӣ мебошад. Даромади паст ва нобаробарии назарраси иҷтимоӣ боиси паст шудани қобилияти харидории шаҳрвандон мегардад, ки дар навбати худ ба афзоиши фарқияти минтақавӣ дар бозори манзил мусоидат мекунад. Нархгузории баланди амволи манзилӣ ва дастрасии маҳдуд ба манбаъҳои қарзӣ боз ҳам ин фарқиятро зиёд менамоянд;

- ***аз нав такмил додани*** усулҳои сохтмон, истифодаи технологияҳои муосир ва муносибати комплексӣ ба рушди ин соҳа метавонад на танҳо шароити манзилиро беҳтар созад, балки ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ мусоидат намояд. Дар ин робита, нақши муҳимро дар танзими бозори сохтмон ва таъмини аҳолӣ бо манзили дастрас сиёсати давлатии манзилсозӣ мебозад. Барномаҳои рушди устувори шаҳрҳо, дастгирии молиявии сохтмони манзил ва механизмҳои пешбурди ипотека ба устувории ин бахш мусоидат мекунанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида метавонад аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои танзимкунӣ ва рушди сохтмони манзил дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он истифода гарданд. Татбиқи муқаррароти таҳиягардида дар таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ, инчунин, дар раванди таълими макотиби олӣ ва коллеҷҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои омори бозори манзил, омори иҷтимоӣ ва омори иқтисодӣ истифода шуда метавонад;

**- натиҷаҳои таҳқиқоти методологию** назариявии гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун замина барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии нишондиҳандаҳои сохтмони манзил, алалхусус андешидани тадбирҳо доир ба таъмини аҳолӣ бо манзил ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад;

**-коркард ва ҷорӣ карда шуд**: натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар тадриси фанҳои тахассусии таълимии назарияи умумии омор, омори иҷтимоӣ, омори тиббӣ-демографӣ, таҳлили иқтисодӣ дар соҳаҳо дар Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон (маълумотномаи № 103 аз 11-уми июни соли 2024) ва фаъолияти амалии филиали ҶДММ «Шаҳр сохтмон» (маълумотномаи № 123/1, аз 18-уми марти соли 2024) истифода истифода шудаанд;

**-муайян карда шуд,** ки дастрасӣ ба манзили истиқоматӣ аз бисёр омилҳо вобаста мебошад, ки онро ҳамчун хусусияти вазъи бозори манзил арзёбӣ намудан мумкин аст. Пешниҳод шудааст, ки масъалаи таъмини аҳолӣ бо манзил ва беҳтар кардани шароити некӯаҳволии аҳолӣ на танҳо дар қонунгузорӣ ва барномаҳои давлатӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ омӯхта шудааст;

- модели иқтисодӣ-омории сохта ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ вобаста аз вазъи сармоягузории давлатӣ, хориҷӣ ва сармояи аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳида **офарида шуда**, дурнамои рушди сохтмони манзилҳои истиқоматӣ бо назардошти омилҳои асосии ба он таъсиррасон таҳия карда шудааст;

**-муаррифӣ карда шуд:** вазифаҳо ва самтҳои танзими рушди сохтмони манзил **муаррифӣ карда шуда**, ба ду категорияи асосӣ тақсим карда шудаанд: ташвиқи пешниҳоди манзил ва ташвиқи талабот ба манзил. Тадбирҳо пешниҳодгардида дар маҷмӯъ ба сохтани бозори манзили мутаносиб ва устувор равона шудаанд, ки ба талаботи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ҷавобгӯ буда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши асарҳои олимони соҳаи иқтисодиёт ва оморшиносони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии мушкилоти мубрами иқтисодию иҷтимоии сохтмони манзили истиқоматӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд, дар диссертатсия хулосаю тавсияҳои илман асоснокро оид ба ҷанбаъҳои иқтисодӣ-омории раванди сохтмони манзил ва муаммоҳои он дар шароити рушди иқтисодии миллиро коркард намудааст. Бо гузаронидани таҷрибаҳо, саҳеҳии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва

интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст;

- **ғояи таҳқиқот дар** асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумотҳои оморию таҳқиқотии даромаду хароҷоти хоҷагиҳои хонавода, маълумотҳо аз сарчашмаҳои муътамади маҷмуаҳои оморӣ, маълумотҳои барӯйихатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Созмони ҷаҳонии меҳнат ва сарчашмаҳои иттилоотии шабакаи «Internet» инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** оид ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ ҳамчун воситаи арзёбии сатҳи зиндагӣ бо далелҳои мушаххас тасдиқ шудаанд. Навгониҳои илмии диссертатсия имкон дорад, ки ҳангоми таҳия ва асосноккунии воситаҳои инструменталӣ ва арзёбии омори иқтисодӣ-иҷтимоии рушди соҳаи сохтмони манзил истифода гардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаб аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян ва арзёбии вазъи муосири сохтмони манзили истиқоматӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар иборат мебошад.

- дар заминаи таҳқиқи асосҳои назариявии объекти омӯхташаванда, таъсири рушди сохтмони манзили истиқоматӣ ба беҳдошти сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ омӯхта шуда, таҳлили омории алоқамандии он бо равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Инчунин, сатҳи дифференсиатсияи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ дар кишвар ва дар минтақаҳои алоҳида ва инчунин таъсири онҳо ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ошкор карда шудааст;

- вазъи муосири сохта ба истифода додани манзилҳои истиқоматӣ дар минтақаҳо ва дар маҷмӯъ дар кишвар вобаста ба тафриқаҳои назарраси нишондиҳандаҳои сохтмони манзил ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар минтақаҳо таҳқиқ карда шудааст;

- нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-омории сохтмони манзили истиқоматӣ дар минтақаҳо ва дар ҷумҳурӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ гуруҳбандӣ ва коркарда шуда, хусусиятҳои онҳо баҳо дода шудааст;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 7,04 ҷ.ч. (аз ҷумла, аз муаллиф 5,9 ҷ.ч.) нашр гардидаанд, ки аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳо (нашрияҳо)-и илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2021-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 аз санаи 30.08.2025 қарори сазовор донистани Абдуллоева Гулноза Абдуҷаборовна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08.01 – Омор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд 14 нафар овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Собирзода Н.М.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**30.08.2025**